**СУРАТҶАЛАСАИ № 14**

аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 25-уми апрели соли 2023 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 6 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ иштирок доштанд 5 нафар.

РӮЗНОМА

1. Дар бораи иҷозат додан ба ҳимояи диссертатсияи **Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна** дар мавзуи **"Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктор аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (6D010201- Назария ва методикаи таълими ибтидоӣ), барои муайян кардани санаи баргузории ҳимояи диссертатсия, муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар.

**ШУНИДА ШУД:**

Гузориши раиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М. дар бораи пешниҳод гардидани хулосаи комиссияи ташхис оид ба диссертатсияи унвонҷӯ **Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзуи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктор аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (6D010201- Назария ва методикаи таълими ибтидоӣ) шунида шуд. Аз ҷумла Х.М. Сабурӣ қайд намуд, ки аз он сабаб, ки раиси комиссияи экспертӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мухаметов Гафур Бобоевич бо сабабҳои узрнок аз шаҳри Душанбе ҳозир шуда натавонист, аммо хулосаи комиссияи экспертиро бо имзои худ ва аъзоёни комиссия ба унвони Шуро ирсол намуд. Аз ин рӯ, барои ироаи хулосаи комиссияи экспертӣ, сухан ба аъзои комиссияи экспертӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Исломов Озод дода мешавад.

## БАРОМАД КАРД:

Аъзои комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Озод Исломов баромад намуда, баён дошт, ки ҳайати комиссияи ташхисии диссертатсияи **Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзуи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктор аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоиро мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳод менамояд, ки тадқиқоти мазкур ба талаботи бандҳои 31-37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, комиссияи тахшхиси назди Шуро онро дар асоси талаботи бандҳои 53-60-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" ташхис, таҳлил ва баррасӣ намуда, онро бо пешниҳоди хулосаи мусбат барои қабул ба ҳимоя тавсия менамояд.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи ташхисиро шунида, чунин қарор қабул намуд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи **Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзуи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктор аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**Муқарризи расмии аввал – Сатторов Абдурасул Эшбекович –** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муқаррizi расмии дуюм – Азимова Назира Самадовна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои математикӣ ва табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**.

3. Рӯйхати аъзои Шуро, ки рамзи ихтисосашон бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст, тасдиқ карда шавад:

- **Сабурӣ Х.М.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Абдуллоева М.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Шаропов Ш.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Файзиев И.Д.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Петрусевич А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

4. Санаи ҳимояи диссертатсия 6-уми июли соли 2023, соати 8 $^{00}$ таъйин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 6 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.